**DOI: https://doi.org/10.5281/zenodo.10894655**

# АҲАМИЯТИ ХОНИШИ ИФОДАНОК ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Давлатова Муниса Ҳафизмуродовна**
Донишҷӯи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов
munisadavlatova23@gmail.com

***Аннотатсия:*** *Мақолаи мазкур барои ташкили хониши ифоданоки хонандагон аҳамияти калон дорад. Дар он дар баробари баррасии асосҳои назарии хониши ифоданок, асосҳои амалӣ-методии он бо мисолҳо нишон дода шудааст.*

***Калимаҳои такягоҳӣ:*** *Саводомӯзӣ, хелҳои хониш, хониши ифоданок, таҷриба, метод, таълим.*

# THE IMPORTANCE OF EXPRESSIVE READING IN PRIMARY CLASSES

***Abstract:*** *This article is of great importance for students' expressive reading. Along with the consideration of the theoretical foundations of expressive reading, its practical-methodical foundations are shown with examples.*

***Key words:*** *Literacy, types of reading, expressive reading, experience, method, education.*

Дар таълими ибтидоӣ ба сифатҳои хониш ва роҳҳои такмили онҳо диққати махсус дода мешаванд. Чунки сифатҳои хониш ба таври маҷмӯъ аз дурустиву равонии хониш, хониши бошуурона ва ифоданокии хониш ва монанди ин иборатанд. Дар методикаи хониш на танҳо ном бурдан ва тавзеҳ додани ин сифатҳо дорои аҳамияти босазост, балки ҷобаҷогузорӣ, яъне тартиби овардани онҳо низ муҳим мебошад. Аз ин нуқтаи назар ифоданокии хониш яке аз

муҳимтарин сифатҳои хониш ба ҳисоб меравад, ки бе сифатҳои поёнӣ ба он ноил гардидан амрест ғайриимкон.

Дар синфҳои ибтидоӣ дар баробари ба нутқи хаттии хонандагон эътибор додан, ба нутқи даҳонакии онҳо низ эътибори ҷиддӣ дода мешаванд. Яке аз паҳлӯҳои нутқи даҳонии хонандагон бошад, ба сифати хониши хонандагон сахт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки хониши ифоданоки хонандагони синфҳои ибтидоӣ рӯзмаррагии хешро солҳо ин ҷониб нигоҳ медорад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи хониш дар синфҳои ибтидоӣ он аст, ки донишомӯзон ба воситаи хондани асарҳои бадеӣ ва мақолаҳои илмии оммафаҳм бо паҳлӯҳои гуногуни ҷамъият, табиат, кору зиндагии одамон, ҳайвоноту паррандагони гуногуни ваҳшию хонагӣ шинос мешаванд. Ин хусусияти хониш моро водор месозад, ки ба мавзӯъҳои гуногун ва зиёд муроҷиат намоем.

Бояд гуфт, ки доир ба тартиби омӯхтани мавзӯъҳои хониш дар ин ё он синф низ методистон ҳамфикр нестанд. Баъзе услубшиносон тарафдори онанд, ки мавзӯъҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуда, дар синфҳо омӯхта шаванд. Вале мубоҳиса бештар дар хусуси шинос намудани хонандагон ба мавзӯъҳои ҷудогона меравад. Масалан, дар бобати шинос кардани бачаҳо бо мафҳуми “Ватан”, методистон ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд. Гурӯҳи якум таъкид мекунанд, ки ба меъёри аз ҷузъ ба кулл амал карда, нахуст ба бачаҳо дар бораи деҳа, шаҳр маълумот дода, баъд дар хусуси Ватан – Ӯзбекистон маълумот дода шавад. Гурӯҳи дуюм акси онро пешниҳод карда мегӯянд, ки аввал ба бачаҳо дар хусуси Ӯзбекистон – Ватанамон маълумот дода, пас аз он оид ба вилоят, шаҳр ва деҳа ҳарф задан мувофиқи мақсад аст. Гурӯҳи сеюм тарафдори онанд, ки бачагон аз рӯзҳои аввали синфи якум бояд бо мафҳуми Ватан, ба маънои Ӯзбекистон ва ҳам ба мафҳуми нисбатан маҳдуд – вилоят ва шаҳри худ шинос карда шаванд. Ҳамаи ин кӯшиш барои он аст, ки дар талабагон доир ба мафҳуми Ватан тасаввуроти гуногун пайдо нашавад.

Ҳоло мавзӯъҳои асосии хониш дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти умумӣ гирифтааст, ки чанде аз онҳоро номбар кардем. Аммо як қисм услубшиносон тарафдори мавзӯъҳои алоҳидаи хониш нестанд ва далел пеш меоваранд, ки гӯё ин кор дониши талабагонро маҳдуд месозад. Ба фикри мо, маҳдуд сохтани дониши талабагон дар атрофи мавзӯи муайян ба мавзӯъ вобаста набуда, ба санъати педагогии муаллим иртибот дорад. Масалан, омӯзгор дар синфи якум мавзӯи “Дар мавсими тобистон”- ро дарс дода, дар тамоми ин муддат аз фасли тобистон берун набарояд, пас худи ӯ гунаҳкор аст ва дар ҳақиқат ҳам дониши шогирдонро маҳдуд месозад.

Аломат, нишона ва бартариҳои ҳар фасл дар муқоиса дарк карда мешавад. Муаллими эҷодкор бо дарназардошти ин ҳама, ҳангоми сӯҳбати муқаддимавӣ ба истифода аз расмҳои манзаравӣ, шеъру чистонҳо, чизҳои дида ва шунидаи худи бачаҳо бартариҳои ҳар фаслро чун лентаи кино аз пеши назари донишомӯзон мегузаронад ва онҳоро ба дарки мавзӯи нав омода месозад. Табиист, ки зимни ҳар як сӯҳбати худ боз ба масъалаҳои дигари ҷамъияту табиат дахл мекунад (албатта маълумоти омӯзгор аз доираи фаҳмиши шогирдон берун нест). Ҳамаи ин имконият фароҳам месозад, ки пеши ҳар гуна маҳдудиятҳо дар самти донишандӯзӣ гирифта шавад.

Яке аз хусусиятҳои кӯдакони хурдсол дар он аст, ки дар онҳо нисбат ба хотираи мантиқӣ – калимавӣ, хотираи аёнӣ – тахайюлӣ бештар рушд кардааст. Зеро онҳо нисбат ба тасвир ва шарҳу эҷоди ҳодисаю ашё, шакл ва намудашонро дар хотир мегиранд.  Бинобар ин, ҳангоми таълими хониш ба бачаҳо ба ин чиз ҳам бояд эътибор дода шавад.

Бояд гуфт, ки дар таълими ибтидоӣ хониши бачаҳо ва кор бо матн дар мадди аввал меистад. Дар ин самт бачаҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард:

а) хониши ҳарфӣ (бачаҳои сустхон);

б) хониши ҳиҷоӣ-калимагӣ (бачаҳои миёнахон);

в) хониши калимагӣ (бачаҳои хубу аълохон).

Хониш ҳамон вақт шунавандаро ба ҳаяҷон меорад ва мафтун месозад, ки агар ифоданок хонда шавад. Хониши ифоданок хониши муқаррарӣ нест. Аз ин ҷост, ки тайёрӣ ба хониши ифоданок қисми муҳими тайёрии муаллим ба дарс аст.

Вақте ки ба дарс, аз ҷумла ба хониши ифоданок тайёрӣ мебинем, масъалаи иштироки фаъолонаи хонандагонро низ фикр мекунем. Зеро ин масъала шарти асосиест, ки муваффақияти дарсро таъмин менамояд.

Бо овози баланд хондан қисми муҳими хониши ифоданок аст. Бо хоҳиши муаллим бачаҳо аз ҷойи нишаст бо овози баланд мехонанд, аммо дар муҳокима ҳама фаъолона иштирок менамоянд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки муайян намудан ва ҷо ба ҷо гузоштани мавзӯъҳои хониш чӣ дар барнома ва чӣ дар китобҳои дарсӣ аз масъалаҳои муҳими методӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки то ҳол оид ба ин масъала дар байни методистон мубоҳиса давом дорад. Яъне, дар барномаю китобҳои дарсӣ чӣ гуна мавзӯъҳо бояд ҷой дода шаванд? Тартиби омӯхтани ин мавзӯъҳо чӣ гуна бояд сурат бигирад? Оё маҳдуд кардани доираи имконияти донишомӯзон дар доираи мавзӯи алоҳида равост? Ин ҳама аз саволҳое мебошанд, ки то ҳол ҷавоби худро интизоранд.

Тамоми фаъолият ва заҳмати омӯзгор дар ҷараёни хониш бояд барои баланд бардоштани сифатҳои хониш ва рӯз то рӯз такмил додани маҳорати онҳо нигаронида шаванд. Омӯзгор барои иҷрои ин мақсад на танҳо аз матнҳои хониш, инчунин хониши берун аз синф ва фанҳои дигар, аз қабили забони модарӣ, мусиқӣ, тарбия, табиатшиносӣ, математика низ истифода барад.

Воқеан, хониши ифоданок, ки онро ифоданокии хониш низ номанд, аз муҳимтарин сифатҳои хониш ба шумор рафта, бо чунин тарз ва роҳҳои асосӣ омӯхта мешаванд:

- ❖ хониш (декламатсия) ва тарзи гуфтори намунавии муаллим;
- ❖ хониши (декламатсия) намунавии донишомӯзони пешқадам;
- ❖ шунавондани сабти гуфторҳои адабӣ – бадеии радио ва телевизион.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ


**1.** Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои ибтидоӣ. – Тошканд: Ўзбекистон, 2008. 64 саҳ.

**2.** Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Нашри 2. – Душанбе: Собириён, 2007. 464 саҳ.

**3.** Т. Чориев ва диг. Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш. Китоби дарсӣ барои синфи 1.(Қисми 1). - Тошканд: Маркази таълими Республика, 2023.

**4.** Наимбоев С. Хониши ифоданок. – Душанбе: Маориф, 1990. 87 саҳ.

**5.** Ҷ. Эшонқулов ва диг. Методикаи таълими саводомӯзии забони модарӣ ва хониш. (барои синфи 3). - Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022.